Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Назаров Давлатхон Қурбонмуродович дар мавзӯи «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.05 – Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва 12.00.10 – Ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи Аврупо (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқоти барои ҳимоя пешниҳоднамудаи Назаров Давлатхон Қурбонмуродович мавзӯи муҳим ва мубрами илмӣ мебошад. Дар ин маврид ҳақ ба ҷониби муаллифи рисола мебошад, ки қайд намудааст: "Дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба он алоқаманд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҷуз аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилидавлатӣ (мутамарказ ва маҳалӣ) ва шартномаҳо, инчунин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дорои меъёрҳои ҳуқуқӣ-меҳнатии эътирофнамудаи мамлакат аҳамияти калон дорад" (С.3).

Бояд тазаккур дод, ки мавзӯи таҳқиқнамудаи Назаров Давлатхон яке аз масъалаҳои муҳими соҳаи ҳуқуқи меҳнат ва ҳуқуқи байналхалқии меҳнат ба ҳисоб меравад. Мубрамияти мавзӯи мазкурро пеш аз ҳама дар эътибори санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дорои меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат нисбат ба низоми миллии ҳуқуқӣ дидан мумкин аст. Инчунин, омӯзиши масъалаи мазкур дар ҳамбастагӣ бо равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгирои дар соҳаи иҷтимоӣ – иқтисодии кулли давлатҳо ва манотиқи ҷаҳон, хусусан масоили соҳаи меҳнат вобастагии зиёд дорад. Ба таҳлили сарчашмаҳои ҳуқуқии байналмилалӣ зоҳир намудани диққати махсус бамаврид мебошад, зеро тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи

санадҳои ҳуқуқӣ-байналмилалие, ки кишвари мо онҳоро эътироф намудааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии онро ташкил медиҳад.

Дигар тарафи муҳими таҳқиқоти мазкур дар он дида мешавад, ки таҳлилу баррасии санадҳои ҳуқуқии байналмилалии марбут ба низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бори аввал, ба таври возеҳ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Рисола, чуноне ки аз автореферати кор бармеояд, аз муқаддима, се боби фарогири ҳафт зербоб, хулоса, феҳристи маъхазҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии истифодашуда иборат мебошад.

Дар асоси таҳқиқоти илмӣ  Назаров Давлатхон санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда, зимни хулосабарори тавонистааст вобаста ба мавзӯи таҳқиқ навгониҳои мубрамро пешниҳод намояд. Навгониҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда дорои аҳамияти илмӣ буда, қобили дастгирӣ мебошанд, зеро ин навгониҳо аввалин маротиба дар илми ҳуқуқшиносӣ пешниҳод гардидаанд ва мақомоти қонунгузори кишвар ҷиҳати такмили қонунгузории соҳаи меҳнат метавонад аз ин пешниҳодҳо истифода барад.

Муаллиф дар рисолаи хеш объект, предмет ва мақсади таҳқиқотро дуруст муайян намудааст ва зимни шиносой бо навгониҳои рисола ба хулосае омадан мумкин аст, ки муаллиф вазифаҳри таҳқиқотро низ бомувафақият таҳлил карда тавонистааст.

Эроди мо нисбат ба рисола ин аст, ки муаллиф ҳангоми овардани базе маълумоти расмии ниҳоди давлатӣ сарчашмаи онро нишон надодааст. Инчунин, пешниҳоди 10-умро, ки муаллиф дар навгонии диссертатсия барои ҳимоя пешниҳод намудааст, хусусияти такмили қонунгузориро дорад, на илмиро. Бояд қайд намуд, ки эродҳои овардашуда хусусияти техникӣ дошта, ба мазмуни илмии рисола ва автореферати диссертатсия таъсир намерасонад.

Новобаста аз ин, рисолаи мазкур кори анҷомёфта ва маҷмӯӣ буда, саҳми муаллиф дар илми ҳуқуқи меҳнат ва ҳуқуқи байналхалқии меҳнат ба таври муносиб гузошта шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба мавзӯи мубрам, яъне "Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" бахшида шуда, ба таври пурра ва комил мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Он кори ҳамаҷониба баанҷомрасида мебошад. Таҳқиқот ба талаботи бандҳои 10,12,14 ва 16-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Аз ин лиҳоз, муаллифи онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.05 – Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва 12.00.10 – Ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи Аврупо (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мешуморем.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи иқтисодиёти миллӣ ва таҳлили молиявии Донишгоҳи давлатии Данғара Ахмедов Э.Ю.

Имзои Ахмедов Э.Ю.-ро **тасдиқ мекунам.**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара Ҷабборӣ Н.Ҷ.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Данғара, 735320, ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ 25. **Тел:** (+992) 93-336-66-06. **E-mail:** ergash-77@mail.ru